# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба рисолаи номзадии Салямова Дилафруз Нарзимуродовна дар мавзуи «Заминаҳои пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи бартарафсозии он», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.03 – Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия)

1. Таҳқиқоти мазкур барои соҳаи педагогикаи коррексионӣ, аз ҷумла логопедияи ватанӣ роҳи нави таҳқиқотро мекушояд, яъне коркарду таҳия ва истифодаи самараноки барнома оид ба пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи бартарафсозии он таъмин хоҳад кард. Афзалияти асосии истифодаи технологияи бартарафсозии лакнатзабонӣ дар кӯдакон, аз ҷумла нуқсони нутқидошта имкониятҳои зиёди ба онҳо визуаликунонии маводи таълимӣ аст. Лакнатзабонӣ як ҷанбаи маъмули осебпазирии нутқ аст ва аксаран дар кӯдакони хурдсол мушоҳида гардида, минбаъд дар сурати ислоҳ нашудан ба инкишофи нутқ ва шахсияти онҳо, умуман ба ташаккули солимии хислатҳои зиёди кӯдак халал мерасонад, мутобиқшавии иҷтимоии ӯро душвор мегардонад. Решаҳои аслии сабабҳои зуҳури лакнатзабонӣ то ҳол ба қадри кофӣ рӯшан нестанд ва табиист, ки дар ин маврид фикру андешаи ягона вуҷуд надорад. Вобаста ба ин зарурати омӯзиши механизмҳои лакнатзабонӣ ва донистани хусусиятҳои гуногуни зуҳури он, бартараф кардани он тавассути ғанӣ гардонидани захираи луғавӣ аз калимаҳои нав муҳим арзёбӣ мегардад.

Истифодаи сарчашмаҳои илмӣ дар фаъолияти педагогӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки вақти пешниҳоди маводи таълимиро кӯтоҳ карда, ҳаҷми намудҳои самараноки фаъолиятро дар ҷараёни машғулият зиёд намояд; воситаҳои шавқовари таълимию дидактикӣ, маводи тақсимотӣ, баҳогузорӣ ва санҷиширо, ки барои иҷрои вазифаҳои гузошташудаи ислоҳию таълимӣ заруранд, таҳия кунад.

Диссертатсия тибқи талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба анҷом дода шудааст.

Диссертватсия дар кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи кафедраи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 12.02.2023, №7).

Дар хулосаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсия баҳои воқеӣ ва мусбат дода шудааст.

Диссертатсия ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31, 33 ва 60 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мебошад.

2. Натиҷаҳои таҳқиқот талаботи илмӣ, хулосаву тавсияҳо бо омӯзиши ҳаматарафаи масъалаи гузошташуда; амалисозии пайгиронаи асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот, ҷанбаҳои ибтидоии он, истифодаи методҳои ба ҳадаф, вазифаҳо, фарзияи таҳқиқот мувофиқ; бо санҷидани натиҷаҳо, ҷорӣ намудани онҳо дар амалияи як қатор муассисаҳои таълимӣ; тасдиқи таҷрибавӣ-озмоишии дурустии хулосаҳои бароварда; пойгоҳи кофии сарчашмаҳо таъмин мегардад.

3. Мавзуъ ва мухтавои диссертатсияи Салямова Дилафруз Нарзимуродовна дар мавзуи «Заминаҳои пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи бартарафсозии он», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.03 – Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия), аз ҷумла ба *банди 2* – Таҳлил ва пешгӯии рушди низоми таълиму тарбияи кӯдакони дорои нуқсонҳои гуногуни инкишоф; *банди 5* – Таҳияи технологияҳои педагогӣ барои муайян кардани мазмуни талаботи махсуси таълимии кӯдакон, наврасон ва калонсолони дорои нуқсонҳо гуногуни инкишоф, ҳамчунин ба Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дараҷаи илмӣ дода мешавад (қарори Раёсати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, №5/2 мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ, хулосаҳо ва муқаррароти диссертатсия дар 3 дастури таълимӣ, 11 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 3-тоаш дар маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия нашр шудаанд. Шумораи маводи нашршуда дар нашрияҳои тавсияшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

5. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53 Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Он аз тарафи муаллиф мустакилона навишта шуда, натиҷаҳои нави илмӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниходшударо дарбар мегирад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Салямова Дилафруз Нарзимуродовнаро тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Салямова Дилафруз Нарзимуродовна дар мавзуи «Заминаҳои пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи

бартарафсозии он», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.03 – Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар:

- **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** таъин карда шавад.

в) ба ҳайси муқарризони расмӣ:

- **Неъматов Саъдуллоҷон Эргашевич** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Раҳмонов Зикирё Пӯлотович** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров таъин карда шаванд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Юнусова Н.М.

Аъзоёни комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ Каримзода М.Б.

номзади илмҳои педагогӣ Махкамов Д.

*Имзои Юнусова Н.М., Каримзода М.Б., Махкамов Д.-ро тасдиқ мекунам.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажуҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.

13.03.2024